

# Мирзо Турсунзода
## (1911 - 1977)

Мирзо Турсунзода соли 1911 дар оилаи устои сангтарош, чармгару чармдӯз – Турсун таваллуд ёфтааст. Таваллуди Мирзо барои усто Турсун беҳад хурсандӣ овард. Ӯ писари ягонаи падар буд.

Маҳаллаи онҳо Чармгарон ном дошт ва хонаи усто Турсун дар ҳамин мавзеъ, дар лаби рӯд ҷой гирифта буд. Мирзо солҳои кӯдакиашро ёд карда мегӯяд: «Падарам бисёр мехост, ки ман босавод шавам». Аз ин хотир Мирзо аз 6 – солагиаш ба мактаби кӯҳна меравад ва диққати ӯро аз хурдӣ зебоии манзараҳои гирду атрофии кӯҳсорон, бозиҳои ҳархелаи бачагони деҳ ба худ ҷалб мекард. Аз он ки Мирзо писари ягонаи падар буд, усто Турсун ӯро баъди дарс ҳар ҷое, ки мерафт, ҳамроҳ мебурд.

Соли 1920 ба сари Мирзои хурдсол мусибати вазнине омад. Модараш аз касалии вабо вафот намуд: «Ин рӯзи ғамангез, - мегӯяд шоир, - як умр дар лавҳаи хотирам нақш баст». Усто Турсун бошад, хонаашро «бехосият» гуфта, соли 1921 ба гузари Шӯробдара кӯчид. Бинобар ин то соли 1925 таҳсили минбаъдаи шоир дар масҷиди Ҳоҷӣ Юсуф, ки дар ҳамон гузар воқеъ буд, давом мекунад.

Солҳои 1926 – 1927 таҳсили Мирзо дар интернат ва техникуми педигогии шаҳри Душанбе давом мекунад.

Мирзо Турсунзода солҳои 1927 – 1930 дар институт таҳсили илм намуда, соҳиби дониши пурраи омӯзгорӣ мегардад.

Соли 1930 Институти муаллимтайёркунии шаҳри Тошкандро хатм намуда, ба Душанбе меояд ва дар рӯзномаи «Комсомолии Тоҷикистон» ба вазифаи мудири шӯъбаи оммавӣ ва баъдтар котиби масъул кор мекунад.

Мирзо Турсунзода моҳи августи соли 1977 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Имрӯз марқади Мирзо Турсунзода дар Лучоби хушманзар хурду калон ва меҳмонони зиёд зиёрат мекунанд.

Мирзо Турсунзода чун шоир, мутафаккир, фарзанди бовафои халқу миллат тамоми ҳастияшро барои баланд бардоштани маданияту адабиёти тоҷик бахшидааст.